Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, www.tgfeu.tj.)

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ н.и.и., дотсент, мудири кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи давлатии идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Асоев Муфарах Мазориддинович ба диссертатсияи Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич дар мавзуи «Танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли минтақаи Рашт)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

1. **Мубрам будани мавзуи диссертатсия.**

Диссертатсияи Деҳқонов С. А. дар мавзуи «Танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли минтақаи Рашт)» ба масъалаи муайян кардани рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаи Рашт бахшида шудааст, ки тавассути такмил додани танзими давлатӣ ҷиҳати устувор гардонидани заминаҳои бунёдӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ масъалаҳои рушди минтақаҳо аҳамияти махсусро касб намудааст, зеро он бевосита ба устувории сатҳи иҷтимоию иқтисодии минтақа таъсири худро мерасонад. Равандҳои глобалии дар ҷумҳурӣ идомаёбанда, гузариш аз мамлакати кишоварзӣ ба индустриалӣ, дар навбати худ, таҳияи ҳамаҷонибаи масоилеро тақозо мекунад, ки бо тағйирёбии нақши танзими давлатӣ ва вазифаҳои он алоқамандӣ дорад. Аз ин ҳисоб, мусоидати дастгирии давлатӣ хело муҳим ҳисобида мешавад. Чи тавре аз Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бармеояд, татбиқи вазифаҳои стратегӣ дар бахши воқеии иқтисодиёт заминаҳои моддиро барои шуғли пурмаҳсул, диверсификатсияи истеҳсолот ва содирот фароҳам оварда, дастрасӣ ва сифати хизматрасониҳои иҷтимоиро барои ҳама табақаҳои аҳолӣ баланд мебардорад, ки мустақиман ба дараҷаи амалисозии тамоми вазифаҳои Ҳадафҳои рушди устувор дар Тоҷикистон алоқаманд аст. Фароҳам овардани шароит барои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа яке аз нуқтаҳои меҳварии сиёсати иқтисодии давлат мебошад, ки ба даст овардани он рушди устувори минтақаҳоро таъмин мекунад. Ин ба қобилияти баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти Тоҷикистон ва некӯаҳволии шаҳрвандон заминаи мусоид мегузорад. Ва инчунин ҳуҷҷати асосии татбиқи

тадбирҳои баланд бардоштани устувории рушди иҷтимоӣ-иқтисодии дар минтақа «Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» мебошад.

Маврид ба зикр аст, ки аз омӯзишу таҳлилҳои дар доираи мавзуи мазкур гузаронида шуда мушоҳида гардид, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баробарсозии рушди соҳаҳои хоҷагии халқи вилояту минтақаҳо тавассути дастгирии давлатии буҷетию молиявӣ, ҳукумати кишвар тавонист дар муддати зиёда аз се даҳсолаи Истиқлолияти давлатӣ шароити мусоид барои рушди вилояту минтақаҳо фароҳам оварад. Дар заминаи танзими давлатии рушд, тавассути татбиқи имконоти буҷетӣ ва суботи вазъи иқтисодӣ, коҳиши сатҳи тафриқаи рушди иқтисодии байни минтақаҳо таъмин гардид.

Вобаста ба ин ҳолатҳо, мавзуи интихобшудаи кори диссертатсионии унвонҷӯй дар вазъи кунунии соҳаи иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрам ва мувофиқ мебошад.

Дар раванди ҳалли масъалаҳои илмии гузошташуда равишҳои методологӣ ва методии пажуҳиш, ки муаллиф интихобу истифода намудааст, имконият додааст, ки натиҷаҳои судманди илмӣ дар мукаммалгардонии танзим ва дастгирии давлатӣ рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа, коркарди пешниҳодҳои илмию амалӣ дар ҷодаи такмили роҳҳо ва усулҳои мукаммалгардонии танзим ва дастгирии давлатӣ рӯи кор ояд. Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда ва сатҳӣ илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисодии ватанию хориҷиро дар соҳаи танзим ва дастгирии давлатӣ омили асосии рушди минтақа ва дурнамои нишондиҳандаҳои рушди иқтисодию молиявии минтақаи Рашт дар давраи солҳои 2023-2028 бармеояд, ки сол то сол онҳо майли мусбат дошта, бо мақсади рушди устувори иқтисодӣ ва таъмини молиявии минтақа дар доираи дастгирии давлатии рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа хело муфид арзёби намудааст.

**2.Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ва дастовардҳои илмии дар диссертатсия дарҷ гардида ба сархатҳои 1; 4; 5; 9 ва 21 – и шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03. – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат мекунад.

Шиносоӣ бо диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф хеле моҳирона бо адабиёти илмӣ доир ба мавзуи тадқиқот кор кардааст, мустақилона далелҳои омориро вобаста ба мавзуи тадқиқот ва мақсаду вазифаҳои дар наздаш гузошта ҷамъоварӣ намуда, коркард ва таҳлил намудааст.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Дараҷа ва сатҳи коркарди муаммоҳои рушди минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, тақсимоти ҳудудӣ ва самаранок истифода намудани захираҳои иқтисодӣ, усулҳои танзими рушди иқтисодию иҷтимоӣ дар сатҳи марказ ва минтақаҳо, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва иқтисодӣ, нақши сиёсати молиявӣ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ҷалби сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ дар рушди иқтисодии минтақавӣ аз ибтидои солҳои 50-уми асри XX маншаъ гирифтааст.

Навгонии илмии таҳқиқот дар асосноксозии ҷанбаҳои назариявӣ тақвияти дастгирии давлатӣ ва танзими молиявӣ мақсади асосӣ ин таъмини рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа ба ҳисоб рафта баҳри ташаккули рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минақа, пешниҳоди амалии натиҷаҳо оид ба такмили онҳо дар сатҳи минтақа зоҳир мегардад, ки онро унвонҷӯ дар 6 пункти навгониҳои диссертатсия ба таври мукаммал нишон додаст, ки воқеан онҳо навгонӣ ва муваффақиятҳои Деҳқонов С.А. мебошанд. Аз ҷумла, бандҳои зерини навгонӣ ва нуктаҳои ҳимояшавандаро ҳамчун унсури навгонии илмидошта ҷудо намудан мумкин аст:

1. Дар заминаи таҳқиқи ҳаматарафаи моҳияти танзими давлатии рушди иқтисодии минтақа ва ҷамъбасти ақидаҳои олимони ватанию хориҷӣ, таърифи муаллифӣ оид ба иқтисодиёти минтақавӣ ва танзими он ҳамчун омили рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа асоснок ва пешниҳод гардидааст.

2. Нишондиҳандаҳои арзёбии таъмини захираҳои рушди иқтисодии минтақа, аз қабили рушди иқтисоди инноватсионӣ, гузариши босуръат ба ҳукумати электронӣ, омилҳои муосири ҷалби сармоягузориҳо, рушди саноат, пасткунии меъёрҳои андоз ва сиёсати дӯстона бо андозсупорандагон пешниҳод ва роҳҳои баланд бардоштани нақши давлат ва истифода бурдани таҷрибаи пешқадам дар рушди иқтисодию иҷтимоӣ муайян карда шудаанд.

3. Роҳҳои баланд бардоштани сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа, ташаккул ва инкишофи он асоснок, пешниҳод ва истифодаи мақсадноки имконоти низоми танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили асосии рушд исбот гардидааст.

4. Дар шароити муосир, рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаи Рашт ба омилҳои таъмини буҷетҳои маҳаллӣ бо даромадҳои худдӣ, мавҷудияти техникаҳои кишоварзӣ ва коркарди захираҳои табиӣ ва таъсиси мактабу беморхонаҳои муосир баррасӣ ва пешниҳод гардидаанд.

5. Дар асоси ҳамкориҳои давлат бо бахши хусусӣ ва рушди истеҳсолоти маҳаллӣ ва бунёди минтақаи озоди иқтисодии Рашт барои бунёди корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ асоснок гардидаанд.

6. Аз таҳлилҳои эконометрикӣ, арзёбии рушди иқтисодии минтақа ва дурнамои нишондиҳандаҳои таҳлилгардида бармеояд, ки ҳангоми ба як воҳид зиёд гардидани омили ҳаҷми гардиши савдо ба ҳисоби миёна маҳсулоти умумии минтақаи Рашт ба андозаи 1.4675 воҳид меафзояд. Ҳамчунин, дар ҳолатҳои ба як воҳид зиёд шудани маҳсулоти умумии кишоварзӣ даромади умумии минтақаи Рашт ба 0.8289 воҳид афзоиш меёбад.

**Дар боби якум** "Асосҳои назариявӣ ва методии нақши давлат дар рушди низоми иқтисодии минтақавӣ" ба моҳият, аҳамият ва инчунин методҳои танзими давлатӣ ба рушди иҷтимои иқтисодии минтақа бахшида шудааст. Вобаста ба ин қайд кардан зарур аст, ки дар шароити авҷ гирифтани ноустувории молиявию иқтисодӣ дар ҷаҳон ва минтақаҳои алоҳидаи он, дастгирии давлатии соҳаҳои хоҷагии халқи вилояту минтақаҳо яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад. Дастгирии мазкур, алалхусус тавассути татбиқи сиёсати молиявии ҳукумати мамлакат ба амал мепайвандад. Аз ин лиҳоз таҳқиқоти анҷомдодаи муаллиф пурра фарогири масъалаҳои рушди иҷтимои иқтисодии мебошад, ки он яке аз сиёсати меҳварии иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки бояд тавассути такмили механизми дастгирии давлатӣ ба даст оварда шавад.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки барои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар сатҳи минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ бояд роҳҳои баланд бардоштани нақши давлат ва истифода бурдани таҷрибаи пешқадам дар рушди иқтисодию иҷтимоӣ муайян гардида, арзёбии таъмини захираҳо ба рушди иқтисодии минтақа пешниҳод гардидаанд: рушди иқтисодии инноватсионӣ, гузариши босуръат ба ҳукумати электронӣ, омилҳои муосири ҷалби сармоягузориҳо, рушди саноат, пасткунии меъёрҳои андоз ва сиёсати дустона бо андозсупорандагон шароити мусоид фароҳам оварда шавад. Инчунин истифодаи мақсадноки имконоти низоми танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили асосии рушд пешниҳод намуда: рушд додани истеҳсолот, ҷиҳати таъмини амнияти иқтисодии минтақа, бунёди инфрасохтор ва таблиғи мавзеъҳои сайёҳӣ, инкишофи инфрасохтори роҳу нақлиёт ҳамчун шарти муҳимми ҷалби сармоягузориҳо муаллиф диққати махсус додааст.

**Дар боби дуюм - «Таҳлили вазъи муосири иқтисодию иҷтимоӣ ва тамоюлҳои рушди минтақаи Рашт»** ба таҳлили вазъи муосири рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаи Рашт муайян гардида, омилҳои ба рушди иқтисодӣ ва таъмини буҷетҳои маҳаллии минтақаи тадқиқотӣ таъсиррасон (ба монанди таъмини буҷети ноҳияҳои минтақа бо даромади худӣ, ҳолати мавҷудияти техникаҳои кишоварзӣ ва захираҳои табиӣ, истеҳсоли ашёҳои хоми табиӣ, бунёди корхонаҳои хурду миёнаи саноатии минтақа ва таъсиси мактабу беморхонаҳои муосир) таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Дар диссертатсия қайд шудааст, минтақаи Рашт дорои табиати нотакрор, имконияти хуби рушди соҳаи сайёҳӣ ва кишоварзӣ ба ҳисоб рафта, нақши соҳаи кишоварзӣ дар инкишофи иқтисодиёти ноҳия, махсусан дар иҷроиши яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар таъмини амнияти озуқаворӣ, назаррас мебошад. Инчунин, рушди соҳаи иҷтимоии минтақа яке аз механизмҳои калиди пешниҳод намудааст чунки идоракунии мақсадноки захираҳои табиӣ, ҷалби сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ, рушди инфрасохтор, муаррифии минтақа ва солимии ҷомеа ба кадрҳои баландихтисос вобаста мебошад, ки иҷроиши ин омилро соҳаи иҷтимоӣ таъмин менамояд.

**Дар боби сеюм - «Самтҳои асосии самаранок гардонидани танзим ва дастгирии давлатии рушди иқтисодии минтақаи Рашт»**, Дурнамои нишондиҳандаҳои рушди иқтисодию молиявии минтақа барои давраи солҳои 2023-2028 нишон дода, амалӣ намудани чораҳои зерин дар барномаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии ноҳияҳои минтақа, аз ҷумла таҳияи барномаҳои рушди нақлиёт, коммуникатсия, соҳибкории хурду миёна, сармоягузориҳо, бозори меҳнат ва содироти маҳсулоти хоҷагии қишлокро ҳамчун омили асосии рушди иҷтимои иқтисоди иброз намудааст. Муаллиф дар раванди таҳқиқоташ дар асоси усулҳо ва моделҳои регрессионӣ арзёбии рушди иқтисодии минтақа ва дурнамои нишондиҳандаҳои иқтисодию молиявӣ бо таҳлили оморию эконометрикӣ муайян намуда, маълум намудааст, ки ҳангоми ба як воҳид зиёд гардидани омили ҳаҷми гардиши савдо ва бетағйир мондани омили маҳсулоти умумии кишоварзӣ ба ҳисоби миёна маҳсулоти умумии минтақаи Рашт ба андозаи 1.4675 воҳид меафзояд. Инчунин, дар мавриди ба як воҳид зиёд шудани маҳсулоти умумии кишоварзӣ ва бетағйир будани ҳаҷми гардиши савдо ба ҳисоби миёна даромади умумии минтақаи Рашт ба 0.8289 воҳид афзоиш меёбад

4. **Муҳимияти хулосаву пешниҳодҳо ва имконияти истифодаи онҳо дар илм ва амалия**

Андешаҳои назарявии муаллифи диссертатсия дар густаришу рушди назарияи мукаммалгардонии танзими давлатии рушди иқтисоди-иҷтимоӣ метавон саҳмгузор гардад. Пешниҳодҳои муаллиф метавонад аз ҷониби мақомотҳои дахлдори давлатӣ дар мавриди такмили дастгирии давлатӣ истифода гарданд. Баъзе ҷиҳатҳои диссертатсия метавонанд барои татбиқи барномаҳои давлатии дастгирии рушди иқтисодӣ-иҷтимои ҷумҳурӣ мусоидат намояд.

Пешниҳодҳои ҷудогонаи муаллиф ба минтақа имкон медиҳад, ки рушди иқтисодию иҷтимоӣ ба иқтисодиёт, барои аз ҳолати субвенсионӣ баровардани минтақа ба мақсад мувофиқ аст. Ҳамаи ин ба афзоиши рушди

ичтимои-иқтисоди оварда, боиси баланд шудани сатҳи зиндагии минтақа кам гардидани шумораи бекорон, баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолии минтақа хоҳад гардид.

5. **Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Таҳқиқоти анҷомшуда дар доираи ҷамъоварӣ, коркард, таҳлили механизмҳои рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа дар, интишороти олимони ватанию хориҷӣ, нашрияҳои даврӣ оид ба рушди иҷтимои иқтисодии минтақа, ҳамчунин, асарҳои илмии олимони хориҷӣ ва ватанӣ, иқтисодчиён оид ба масъалаҳои танзими давлатии рушди иқтисодию иҷтимоӣ омода гардидааст. Таҳқиқоти анҷомдодаи муаллиф бо назардошти санадҳои меъёрӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои танзими давлатии соҳаи иқтисоди иҷтимоӣ дар водии Рашт гузаронида шудааст. Ва инчунин хулосаҳо ва тавсияҳо бо маълумоти илмӣ- амалӣ (таҷриба), татбиқи усулҳои гуногуни таҳқиқоти иқтисодӣ тасдиқ ва асос ёфтаанд.

6. **Арзёбии моҳияти диссертатсия, сатҳи комилии он, эродҳо доир ба шаклгирии диссертатсия**

Албатта, таҳқиқотҳои диссертатсионӣ аз нигоҳи муқарриз дорои як қатор носаҳеҳӣ аст, ки умуман наметавонад сифати илмӣ ва меҳнати илмии муаллифро коста намояд. Ба сифати тавсияҳо метавон мавридҳои зеринро махсус ҷудо намуд:

1. Сифати кор беҳтар мегардид агар унвонҷӯ мавзуи баррасишавандаро аз нуқтаи назари мушкилотҳои соҳавӣ дар як параграфи алоҳида мавриди баррасӣ қарор медод;

2. Дар диссертатсия корҳои илмии олимони ватанӣ кам истифода шудааст. Хуб мешуд, ки муаллиф бештар ба тадқиқотҳои илмии олимони ватанӣ такя мекард, аз ин унвонҷӯ бурд мекард;

3. Вобаста ба зарурат ва талаботҳои матни рисола беҳтар мегардид такмили механизми дастгирии давлатиро ба таври бояду шояд таҳқиқ гардида дар натиҷаи он хулосаи мушаххас бароварда сенарияҳои рушдро рӯи кор меовард;

4. Аҳамияти илмии дисертатсия беҳтар мегардид, агар аз усулҳои муосир банақшагирии стратегӣ ҳангоми таҳияи дурнамои рушди устувори иқтисодии минтақа истифода мешуд.

5. Ба назари мо, муаллиф мебоист, ки дар ҷамъбасти ҳар як боби диссертатсия хулосаҳои худро иброз менамуд ва вобаста ба натиҷаҳои бадастовардашуда роҳҳои ҳали масъалаи мазкурро мавриди баррасӣ қарор медод.

Чунин камбудиҳои овардашуда бештар хусусияти тавсиявӣ доранд ва ба фикри мо, аҳамияти илмӣ ва амалии кори диссертатсионии ба ҳимоя пешниҳодшударо кам ва дараҷаи мусбии онро паст намекунанд.

7. **Тасдиқи ифодаи натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ**

Маводи интишорнамудаи муаллиф иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдодашударо дар худ инъикос намудаанд. Аз рӯи натиҷаҳои тадқиқот мақолаҳои илмӣ дар маҷалаҳои аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда чоп карда шудаанд. Муқаррарот ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва ҷанбаҳои алоҳидаи он аз тарафи муаллиф дар чорабиниҳои илмии сатҳи мухталиф, аз ҷумла дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ дар солҳои 2020-2023 маърӯза шуда, инчунин дар семинарҳо ва конференсияҳои дохилии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт ва дигар муассисаҳои илмӣ муаррифӣ шудаанд.

Интишороти муаллиф аз рӯйи натиҷаҳои диссертатсия дар 16 мақола, ки аз ин 7-тои он дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақолаи ӯ дар алоҳидагӣ нашр гардидаанд.

8. **Мутобиқати мазмуни автореферат бо мазмуни диссертатсия**

Автореферати диссертатсия мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсиониро дар худ инъикос намудааст ва дар он навгониҳои илмӣ, ки ба ҳимоя бароварда мешаванд, ҷой дода шудааст.

9. **Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Тарзи барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсияи Деҳқонов С.А. ба талаботи “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия”, ки бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2012 №3 ҷавобгӯ мебошад.

### Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия

Ҳамин тариқ, аз нигоҳи мазмуни илмӣ ва шакли баён диссертатсияи пешниҳодгардидаи **Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич** дар мавзуи **«Танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли минтақаи Рашт)»** бешубҳа кори илмию тахассусӣ буда, дар он ҳалли муаммоҳои илмӣ, ки аҳамияти муҳимму

афзалиятнокро дар рушди илми иқтисоди ватанӣ дорост, комилан ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй аст.

Аз ин лиҳоз, муаллифи он **Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич** сазовори дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

**Муқаррризи расмӣ:**
**н.и.и., дотсент, мудири кафедраи**
**идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии**
**Академияи давлатии идоракунии**
**назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Асоев М.М.**

Имзои н.и.и., дотсент Асоев М.М.-ро тасдиқ мекунам.

**Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ**
**ва корҳои махсуси Академияи**
**идоракунии давлатии назди Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ғаюров Ф.**

Суроға: Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, info@apa.tj, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи. Саид Носир,.33.
Тел.: +992 (37) 224-17-86